**ҚАРОРИ**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18**

**30 майи соли 2023** **ш. Душанбе**

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 таҳқиқоти диссертатсионии** Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи "Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (роҳбари илмӣ - Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ – доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе); тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Бухориева Сафаргул Мансуровна – номзади имлҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Зоир Ҷ.М., Раҳмон Д.С., ва мақарризи ғайри расми профессор Ғаюрзода Ш.К.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи "Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти

таърихӣ-ҳуқуқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ба Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Абдуалимзода Исмоил Иброҳимро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.

30 майи соли 2023